# Tajik A: literature – Standard level – Paper 1
# Tadjik A : littérature – Niveau moyen – Épreuve 1
# Tayiko A: literatura – Nivel medio – Prueba 1

Friday 8 May 2015 (afternoon)
Vendredi 8 mai 2015 (après-midi)
Viernes 8 de mayo de 2015 (tarde)

1 hour 30 minutes / 1 heure 30 minutes / 1 hora 30 minutos

---

**Instructions to candidates**

- Do not open this examination paper until instructed to do so.
- Write a guided literary analysis on one passage only. In your answer you must address both of the guiding questions provided.
- The maximum mark for this examination paper is **[20 marks]**.

**Instructions destinées aux candidats**

- N’ouvrez pas cette épreuve avant d’y être autorisé(e).
- Rédigez une analyse littéraire dirigée d’un seul des passages. Les deux questions d’orientation fournies doivent être traitées dans votre réponse.
- Le nombre maximum de points pour cette épreuve d’examen est de **[20 points]**.

**Instrucciones para los alumnos**

- No abra esta prueba hasta que se lo autoricen.
- Escriba un análisis literario guiado sobre un solo pasaje. Debe abordar las dos preguntas de orientación en su respuesta.
- La puntuación máxima para esta prueba de examen es **[20 puntos]**.

2215 – 0651

4 pages/páginas

© International Baccalaureate Organization 2015

https://xtremepape.rs/

Аз ду порчаи зерин **танҳо якеро** интихоб намуда, онро таҳлили адабӣ намоед. Шумо бояд ба ҳар ду саволи дар поён овардашуда ҷавоб нависед.

**1.**

**Қиссаи номмонӣ**

– Ҳой, чол, – гуфт бибӣ Ҳодиса мад кашида, – пешакӣ гуфта монам, ки ба набераи якӯмамон ману шумо ном мемонем-а, писар шавад – шумо, духтар шавад – ман… Очаю додош ҳолӣ ҷавон, ба фарзандашон ном мондани худи онҳо айб мешавад-а! Канӣ, гӯед, писар шавад шумо чӣ ном мемонед?

– «Бача дар камар, номаш Музаффар» гуфтагӣ барин, ту аз ҳозир дар ғами номмонӣ нашав. Аввал чашми келинат сиҳат-саломат равшан шавад, баъд номи бача худ аз худ ёфт мешавад… – ҷавоб дод бобо Ҷавак.

Ба хушбахтии чолу кампир набераи якӯмашон сиҳат саломат ба дунё омада, ҳафт-ҳаштрӯза ҳам шуд. Як пагоҳ дар сари дастархони ношито падару писар ва келину модаршӯ нишаста аз ҳар дарак гап-гап мекарданд.

– Набераам духтар шавад ман ном мемонам гуфта будӣ. Канӣ акнун гап зан чӣ номи муносиб ёфтӣ! – гӯён бобо Ҷавак ба кампири худ ишора кард.

– Ҳа, воқеан, ман ҳам ҳаминро гуфтанӣ будам, – гуфт бибӣ Ҳодиса, – ба набераам чунон номи зебои бамаъниӣ ёфта мондам, ки ҳар кас шунавад, ҳавасаш меравад.

Ҳама якбора гӯш ба даҳони кампир дӯхта, мунтазир буданд, ки чӣ будани он номи «зебои бамаъниӣ»-ро шунаванд.

– Агар шумоҳо розӣ бошетон, – суханашро давом дод бибӣ Ҳодиса, – ба набераам Бибисешанбе ном мемонем, чунки дар рӯзи муборакӣ сешанбе ба дунё омад, пирам Бибисешанбе мададгораш мешаванд.

Бо шунидани таклифи бибӣ Ҳодиса дар авзои бобо Ҷавак дигаргунии ба назар намоёне зоҳир нашуд, аммо барои Каримҷон ин таклифи модараш гӯё як сатил яхоб буд, ки нохост ба сараш рехтанд. Вай бо як табассуми хунукаки истеҳзоомез ба модараш нигоҳ карда, бо ишораи ҳайрат китфҳояшро боло кашида монд. Чунин табассуми истеҳзоомези андаке ҳаёаралаш дар чеҳраи ҳамсари Каримҷон – модари меҳмони нав ҳам пайдо шуд. Як-ду дақиқа ҳамаашон хомӯш монданд.

– Хайр агар ин маъқул нашуда бошад, номашро Рамазоннисо монем, барои ин ки дар арафаи иди шарифи рамазон ба дунё омад, – бибӣ таклифи дуйӯмашро, ки ба ҳар эҳтимол ҳамчун захира нигоҳ дошта буд, ба майдон баровард.

Ҳарчанд дараҷаи хунукии ин таклифи кампир аз хунукии таклифи якӯмаш борҳо баландтар бошад ҳам, Каримҷон, бар хилофи чашмдошти модар, якбора тафсида рафт:

– Монед, бибиҷон, – гуфт ӯ бо ҷиддият, – аз баҳри ин хел номҳои динию хурофотӣ гузаред. Ҳам ман, ҳам келинатон одамони замони нав – муаллиму муаллима ҳастем, ин хел номҳои доқиюнусӣ мондан барои мо айб аст.

– Агар писар мешуд, ман ё Дарвешалӣ ном мемондам ё Султонназар, – гуфта бобо Ҷавак ҳам ба гап ҳамроҳ шуд.

– Ин номҳо ҳам акнун хоку туроб шудаанд, – Каримҷон гапашро ба ҳамон ҷиддият давом дод, – давраи дарвешию султонӣ кайҳо гузашта рафтааст. Дар сурате, ки дар забони тоҷикӣ монанди Умед, Орзу, Шодӣ, Шодмон, Ҷамол, Даврон, Шараф, Олим, Далер, Ҳамдам, Роҳат, Лола, Ҳалима, Фирӯза, Пӯлод, Офтоб, Маҳтоб, Ситора барин садҳо номҳои мухтасару дилчаспи пурмаъно ҳастанд, барои чӣ баъзе касон ҳоло ҳам ба фарзандонашон номҳои дурмадарози чаламак, кӯҳна, бемаъно ва хандаовар мемонанд… Хоҳ ба шумоҳо маъқул шаваду хоҳ не, ман номи бачаро Саодат мемонам!

https://xtremepape.rs/

– Хайр, писарам, «ихтиёр ба дасти бахтиёр» гуфтаанд, фарзанд аз они тую келинам; мувофиқи табъатон чӣ ки ном монетон – майлатон! – бибӣ Ҳодиса асабӣ шудани писарашро дида, якбора ҳамин қадар гузашт карду аммо дар охири суханаш як иловача ҳам карда монд: – агар ба маслиҳати ман гӯш кунетон, номи набераам фақат Саодати холис нею Саодатбону шавад.

Ба ин илова ҳеҷ кас муқобил набаромад ва бибӣ Ҳодиса аз худ мамнун буд, ки дар бобати номи набераaш ба ҳар ҳол яке аз се таклифаш гузашт.

Абдусалом Деҳотӣ, *Асарҳои мунтахаб* (1957)

(a) Изҳори назар намоед, ки нависанда бо кадом роҳҳо ва ба кадом дараҷа нигарониҳои аслиро дар порчаи мазкур нишон додааст.

(b) Шумо оиди шахсият чӣ гуфта метавонед, ки он дар қитъаи мазкур чӣ гуна таҷассум ёфтааст?

Turn over / Tournez la page / Véase al dorso

https://xtremepape.rs/

**2.**

**Шеър аз Маснавии Мавлоно**
**Ҷалолиддин Румӣ**

Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Бе адаб маҳрум шуд аз лутфи раб.
Бе адаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад.
Моида аз осмон дармерасид,
Бе судоу бе фурӯхту бе харид.
Дар миёни қавми Мӯсо чанд кас
Бе адаб гуфтанд: «Кӯ сиру адас?»
Мунқатеъ шуд нону хону осмон,
Монд ранҷи зиръу белу досмон.
Боз Исо чун шафоат кард ҳақ,
Хон фиристоду ғанимат бар табақ.
Боз густохон адаб бигзоштанд,
Чун гадоён заллаҳо бардоштанд.
Лоба кард Исо эшонро, ки ин
Доим асту кам нагардад дар замин.
Бадгумонӣ кардану ҳирсоварӣ,
Куфр бошад пеши хони меҳтарӣ.
З-он гадорӯёни нодида зи оз,
Он дари раҳмат бар эшон шуд фароз.
Абр бар н-ояд пайи манъи закот,
В-аз зино афтод вабо андар ҷиҳот.
Ҳар чӣ бар ту ояд аз зулмоту ғам,
Он зи бебокӣ ва густохист ҳам.
Ҳар кӣ бебокӣ кунад дар роҳи дӯст,
Раҳзани мардон шуду номард ӯ-ст.
Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,
В-аз адаб маъсуму пок омад малак.
Бад зи густохӣ кусуфи офтоб,
Шуд Азозиле зи ҷуръот радди боб.

Ҷалолиддин Румӣ, *Маснавии Маънавӣ* (2004)

(a) Шарҳ диҳед, ки шеъри мазкур кадом масъалаҳои марказиро барои хонанда пешкаш мекунад ва бо кадом роҳ.

(b) Шумо оиди хусусиятҳо ва структураи забон, ки барои ба ҳадаф расидан дар ин шеър истифода шудааст, чӣ гуфта метавонед?

https://xtremepape.rs/